| | |
|---|---|
| | **ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** |

**Дастури**
**Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Душанбе - 2026**

Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи моддаҳои 16 ва 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 22 июни соли 2023,№1977, Дастурамал оид ба асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб (СПҲ-100), дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва таклифу пешниҳодҳои аъзоёни ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб таҳия гардидааст.

Дастури Палатаи ҳисоб масъалаҳои дохилии фаъолияти Палатаи ҳисоб, тақсими ваколатҳо байни сараудиторони Палатаи ҳисоб, мазмуни самтҳои фаъолияте, ки онҳо роҳбарӣ мекунанд, вазифа ва ҳамкории воҳидҳои сохторӣ, тартиби омодасозӣ, гузарондан ва натиҷагирии чорабиниҳои гуногун вобаста ба фаъолияти аудиторӣ, инчунин тартиби пешбурди коргузориро муайян менамояд.

Санади мазкур барои таъмини идоракунии дохилии фаъолияти Палатаи ҳисоб, беҳтар намудани сифати раванди чорабиниҳои аудиторӣ ва ташхисию таҳлилӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати пешбурди фаъолияти аудиторони Палатаи ҳисоб тавсия дода мешавад.

*Бо қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 2025 №38.9 тасдиқ шудааст.*

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии
Тоҷикистон ., 2026.

# ДАСТУРИ
# ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### 1. Мақсад ва таркиби Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.1. Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Дастур) дар асоси талаботи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст таҳия гардида, тартиби фаъолияти Палатаи ҳисобро вобаста ба масъалаҳои зерин муайян менамояд:

а) масъалаҳои дохилии фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Палатаи ҳисоб);

б) тақсими ваколатҳои мансабӣ байни муовини раис ва сараудиторони Палатаи ҳисоб, мазмуни самтҳои фаъолияте, ки онҳо роҳбарӣ мекунанд;

в) вазифа ва ҳамкориҳои воҳидҳои сохторӣ;

г) тартиби омодагӣ, гузарондан ва натиҷагирии чорабиниҳои аудиторӣ;

д) тартиби пешбурди коргузорӣ.

1.2. Таркиби Дастури Палатаи ҳисоб аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, аз ҷумла, Эъломияҳои Лима ва Мексика, стандартҳои байналмилалии аудит (ISSAI), инчунин, стандартҳои миллии аудитро дар бар мегирад, ки риоя ва таъмини иҷрои муқаррароти онҳо дар фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошад.

### 1.2. Тартиби баррасӣ намудани дигар масъалаҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки дар Дастури мазкур пешбинӣ нашудаанд

1.2.1. Оид ба масъалаҳое, ки тартиби баррасиашон бо Дастури мазкур пешбинӣ нагардидааст, агар тартиби баррасии онҳо тибқи қонуни соҳавӣ ба ваколатҳои ҳайати мушовараи Палати ҳисоб (минбаъд ҳайати мушовара) дохил нагардад, қарор аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб қабул карда мешавад.

1.2.2. Тартиби баррасии чунин масъалаҳо аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб муқаррар ва бо фармоиш ба расмият даровarда шуда, иҷрои он ба кормандони Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошад.

## 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ ВА ВАКОЛАТҲОИ РАИС, МУОВИНИ РАИС ВА САРАУДИТОРОНИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

## ТАҚСИМИ ВАЗИФАҲО БАЙНИ МУОВИНИ РАИС ВА САРАУДИТОРОН

2.1. Вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои раис, муовини раис ва сараудиторонро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Низомномаи Палатаи ҳисоб муайян менамояд.

2.2. Тақсими ваколатҳои мансабӣ байни муовини раис, сараудиторони Палатаи ҳисоб ва мазмуни самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки онҳо роҳбарӣ менамоянд, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб бо дар назар доштани сохтори буҷети давлатӣ ва самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад.

2.3. Муовини раис ҳамоҳангсозӣ байни сараудиторон ва воҳидҳои сохторӣ, инчунин, натиҷагирии фаъолияти онҳоро таъмин менамояд.

2.4. Сараудитор самтҳои ба ӯ вобасташударо роҳбарӣ намуда, дар доираи ваколатҳои худ масъалаҳоро оид ба ташкили фаъолият мустақилона ҳал карда, барои натиҷаи он масъул мебошад.

2.5. Сараудитор методологияи самти ба ӯ вобасташударо бо дар назар доштани хусусиятҳои хоси ҳамин самт муайян ва ҷиҳати таҳия ва такмили он, дархост пешниҳод менамояд.

2.6. Сараудитор мутобиқ ба дастурамали мансабӣ меъёрҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти кормандони самти ба ӯ вобасташударо муайян намуда, бо дар назар доштани натиҷаи фаъолият, ташаббускорӣ, иқдом, ислоҳот ва навоварии корманд, оид ба ҳавасмандгардонӣ ё муҷозот кардан, ҷойивазкунӣ, санҷиши тахассусӣ, бозомӯзӣ, ба сафари хизматӣ фиристодан, аз кор озод кардан ва ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоии кормандон, ба ҳайати мушовара таклиф пешниҳод менамояд.

2.7. Бо сабабҳои вазъи саломатӣ, рухсатии меҳнатӣ ё дигар сабабҳо ба ҷойи кор ҳозир нашудани сараудитор, тибқи фармоиши дахлдори раиси Палатаи ҳисоб, иҷрои вазифаҳои ба ӯ вобасташуда ба яке аз сараудиторон вогузор карда мешавад.

2.8. Дар ҳолати ворид гардидани муроҷиат нисбати сараудитор, раиси Палатаи ҳисоб муроҷиатро барои баррасӣ ба ҳайати мушовара пешниҳод менамояд. Аз натиҷаи баррасии он қарори ҳайати мушовара қабул гардида, дар муҳлати се рӯз баъди қабули қарор ба муаллифи муроҷиат тариқи хаттӣ ҷавоб ирсол карда мешавад.

## 3. Ваколатҳо ва ҳамкориҳои воҳидҳои сохторӣ

3.1. Дар асоси муқаррароти моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" раиси Палатаи ҳисоб бо дар назар доштани самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, сохтор, вазифа, ваколатҳо, ҳуқуқ ва ухдадориҳои воҳидҳои сохторӣ низомнома ва дастурамалҳои мансабии кормандонро тасдиқ менамояд.

3.2. Ҳамкории воҳидҳои сохторӣ оид ба гузарондани чорабиниҳои аудиторӣ дар мувофиқа бо сараудиторон амалӣ карда мешавад.

3.3. Ҳамкории сараудиторони самти фаъолият ва воҳидҳои сохторӣ бо муовини раис мувофиқа шуда, аз натиҷаи он ба раиси Палатаи ҳисоб таклиф пешниҳод карда мешавад.

## II. МАСЪАЛАҲОИ ДОХИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

### 4. Тартиби кори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб

4.1. Тибқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳайати мушовара мақоми олии идоракунии Палатаи ҳисоб мебошад. Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб аз раис, муовини раис ва панҷ сараудитор иборат мебошад.

4.2. Ҷаласаи ҳайати мушовара на кам аз як маротиба дар як моҳ ва ҳангоми зарурат аз ҷониби раис ё бо талаби аз се як ҳиссаи ҳайати он даъват карда мешавад.

4.3. Дар ҷаласаи ҳайати мушовара раиси Палатаи ҳисоб ё дар сурати набудани раис муовини ӯ раисӣ мекунад. Дар сурати набудани раис ва муовини ӯ ин ваколат ба ухдаи сараудитори собиқаи бештари коридошта, ки дар ҷаласаи мазкур иштирок дорад, вогузор карда мешавад.

4.4. Ҳайати мушовара дар мавриде салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки агар дар ҷаласа на кам аз се ду ҳиссаи аъзои он иштирок дошта бошад. Аъзоёни ҳайати мушовара ҳуқуқи баробари овоздиҳӣ доранд.

4.5. Ҳайати мушовара ваколатҳои зерин дорад:

1) нақшаи чорабиниҳои аудитории солона, стратегияи Палатаи ҳисоб ва намудҳои чорабиниҳои аудитории дигарро тасдиқ ва ҳангоми зарурат ба онҳо тағйиру илова ворид намуда, иҷрои онро назорат мекунад;

2) сифати чорабиниҳои аудиторӣ ва таҳлилию ташхисиро арзёбӣ ва назорат менамояд;

3) лоиҳаи сметаи хароҷоти Палатаи ҳисобро мустақилона, бо назардошти эҳтиёҷоти ҷорӣ қабул менамояд, дар ҳолати зарурӣ дархости раиси Палатаи ҳисобро оид ба ҷалби маблағи иловагӣ барои таъмини фаъолияти Палатаи ҳисоб баррасӣ ва вобаста ба он қарор қабул карда, иҷрои онро назорат мекунад;

4) оид ба иҷрои қарори қабулнамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар доираи парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида дар бораи гузарондани чорабинии аудиторӣ, инчунин, дархости мақомоти қонунгузор ё иҷроия, таъйиноти суд вобаста ба гузарондани аудити ғайринақшавӣ дар доираи ваколатҳои пешбинишуда ва вобаста ба ҳолати мушаххас, қарор қабул менамояд. Дар сурати рад кардани дархост, Палатаи ҳисоб ба мақоми дархосткунанда ҷавоби асосноки хаттӣ ирсол менамояд;

5) хулосаи аудитории Палатаи ҳисобро оид ба лоиҳаи буҷети давлатӣ ва ҳисоботи солонаи маҷмуии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ дар соли молиявии ҳисоботӣ (қаблӣ) тасдиқ менамояд;

***6) ҳисобот ва хулосаро аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ баррасӣ намуда, вобаста ба он қарор қабул менамояд;***

7) ҳисоботи роҳбари дастгоҳ ва сардорони воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисобро мешунавад;

8) ҳисоботи молиявии Палатаи ҳисобро баррасӣ ва тасдиқ мекунад;

9) дастурамалҳои танзимкунандаи фаъолияти дохилии Палатаи ҳисобро тасдиқ менамояд;

10) бо пешниҳоди раиси Палатаи ҳисоб Кодекси одоби корманди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад;

11) Дастури Палатаи ҳисобро тасдиқ мекунад;

12) тартиби ҷалби коршиносони беруна ва мутахассисони мақомоти давлатиро муқаррар менамояд;

13) стандартҳои Палатаи ҳисоб ва қоидаҳои татбиқи онро тасдиқ менамояд;

***14) оид ба супоришҳои дигар, ки ба сарaудитор ва корманди Палатаи ҳисоб дода мешаванд, қарор қабул мекунад.***

4.6. Барномаи чорабиниҳои аудиторӣ, ки тасдиқи он аз ҷониби ҳайати мушовара ҳатмӣ мебошад:

1) аудите, ки бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дархости Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронда мешавад;

2) аудите, ки ба салоҳияти ду ё зиёда сараудитор дахл дорад;

3) чорабиниҳое, ки якҷо бо мақомоти давлатии дигари ҷумҳурӣ ва мақомоти аудити мамлакатҳои хориҷӣ гузаронда мешаванд;

4) аудит дар ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, ки дар онҳо ҳиссаи давлат ва иттиҳодияҳои байнидавлатӣ мавҷуд аст;

5) барои гузарондани чорабинӣ намояндагони мақомоти назорати давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ғайридавлатии аудиторӣ ҷалб карда мешаванд.

4.7. Ҳайати мушовара дар ҷаласаи худ оид ба масъалаҳои баррасишаванда қарор қабул менамояд, ки он аз ҷониби раис имзо карда мешавад. Қарори ҳайати мушовара дар ҳолате қабулгардида ҳисоб меёбад, ки ба ҷонибдории он аксарияти аъзоён овоз дода бошанд.

4.8. Ҷаласаи ҳайати мушовара ба таври кушода гузаронда мешавад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ вобаста ба сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда доштани масъалаҳои баррасишаванда, ҷаласаи пӯшида низ гузаронда мешавад.

4.9. Иҷрои қарорҳои қабулнамудаи ҳайати мушовара барои аудитор ва кормандони дигари Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошад. Дар баробари ин, қарорҳои қабулнамудаи ҳайати мушовара наметавонад ҳуқуқ ва ваколатҳои аудиторон ва кормандони Палатаи ҳисобро маҳдуд намояд. Назорат аз болои иҷрои қарорҳои ҳайати мушовара ба зиммаи раиси Палатаи ҳисоб вогузор карда мешавад.

4.10. Маводҳо барои ҷаласаи ҳайати мушовара дар муҳлати 10 рӯз пештар аз баргузорӣ, барои шиносоӣ ба аъзоёни он пешниҳод гардида, лоиҳаи рӯзномаи он бо дар назар доштани таклифу пешниҳоди аъзоёни он аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб муайян карда шуда, якҷо бо маводҳои дахлдор ва лоиҳаи қарори ҳайати мушовара на дертар аз ду рӯзи корӣ то баргузории ҷаласа, ба аъзоёни ҳайати мушовара барои шиносоӣ пешниҳод карда мешавад.

4.11. Дар лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ҳайати мушовара дохил намудани баррасии масъалаҳои дигари аз ҷониби аъзоёни ҳайати мушовара ва кормандони Палатаи ҳисоб пешниҳодшуда, иҷозат дода мешавад. Рӯзномаи ҷаласаро аъзоёни ҳайати мушовара тариқи овоздиҳӣ, тасдиқ менамоянд.

4.12. Аз рӯзномаи ҷаласаи ҳайати мушовара хориҷ намудани масъалаи баррасишаванда, танҳо бо роҳи овоздиҳӣ амалӣ карда мешавад.

4.13. Номгӯй ва ҳаҷми маводҳо оид ба масъалаҳои дигари фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки ба баррасии ҳайати мушовара пешниҳод мегардад, аз ҷониби ҳайати мушовара муайян карда мешавад.

4.14. Лоиҳаи ҳисобот оид ба фаъолияти аудиторӣ ва фаъолияти Палатаи ҳисоб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пеш аз ворид намудан

ба баррасии ҷаласаи ҳайати мушовара ба таври ҳатмӣ барои мувофиқа ба шуъбаи ҳуқуқи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

4.15. Дар ҳолати мавҷуд набудани эродҳо лоиҳаи санадҳои пешниҳодшуда аз ҷониби сардори шуъбаи ҳуқуқ имзо карда мешавад. Дар ҳолати розӣ набудан, хулосаи асосноки шуъбаи ҳуқуқ омода карда шуда, якҷо бо маводҳо ба баррасии ҳайати мушовара ирсол карда мешавад.

4.16. Муҳлати мувофиқа намудани лоиҳаи ҳуҷҷати пешниҳодшуда, аз рӯзи ба шуъбаи ҳуқуқ ворид гардидан 3 рӯзи кориро дар бар мегирад. Дар баробари ин, муҳлати бо шуъбаи ҳуқуқ мувофиқа намудани лоиҳаи хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонун "Дар бораи буҷети давлатӣ" ва лоиҳаи ҳисоботи солонаи маҷмуии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои буҷети давлатӣ, аз рӯзи ба шуъбаи ҳуқуқ ворид гардидан 5 рӯзи кориро дар бар мегирад.

4.17. Ҳангоми баррасии масъалаҳои алоҳида дар ҷаласаи ҳайати мушовара намояндагони объекти аудит, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, метавонанд иштирок намоянд.

4.18. Ҳайати мушовара метавонад, аудитори масъули чорабинии аудиторӣ ва кормандони дигарро дар баррасии масъалаи дахлдор даъват намояд.

4.19. Барои таъмини самаранокии кори ҳайати мушовара дар ҷаласа метавонанд роҳбари дастгоҳ, ёрдамчии раис, сардорони воҳидҳои сохторӣ ва кормандони масъули дигар даъват карда шаванд.

4.20. Роҳбари дастгоҳ тибқи тартиби муқарраргардида фаъолияти мунтазами кори ҷаласаи ҳайати мушовара, ҷаласаи назди раис, иҷрои супоришҳои роҳбарият ва муросилоти ба Палатаи ҳисоб воридшударо ташкил ва таъмин менамояд.

## 5. Тартиби баррасии масъала, ҳисобот аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ва хулосаи муовини раис ё сараудитор дар ҳайати мушовара

5.1. Баррасии масъала дар ҳайати мушовара аз маърӯзаи аъзои ҳайати мушовара, шахси масъули чорабиниро анҷом дода ё корманди дигари Палатаи ҳисоб оғоз мегардад. Барои маърӯзаи асосӣ то 10 дақиқа ва барои баромадкунандагони дигар то 5 дақиқа вақт муқаррар карда мешавад.

5.2. Баъд аз анҷоми маърӯза (ҳисобот) ё баромади намояндаи объекти аудит (агар иштирок дошта бошад), аъзоёни ҳайати мушовара метавонанд ба баромадкунандагон савол диҳанд. Барои саволу ҷавоб то 30 дақиқа вақт муайян карда мешавад.

5.3. Дар муҳокимае, ки баъди анҷоми саволу ҷавоб гузаронда мешавад, танҳо аъзоёни ҳайати мушовара иштирок менамоянд. Барои баромад намудан то 5 дақиқа ва баромади такрорӣ то 2 дақиқа вақт муайян карда мешавад.

5.4. Пеш аз овоздиҳӣ оид ба натиҷаи муҳокимаи масъалаи баррасишаванда, намояндаи объекти аудит ва баъдан маърӯзачӣ ҳуқуқи баромад карданро дорад.

5.5. Баъди муҳокимаи масъалаи баррасишаванда, ба лоиҳаи қарори ҳайати мушовара танҳо тағйиру иловаҳо ба тариқи хаттӣ ворид карда мешавад. Барои асоснок намудани зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо, ба шахси тағйиротҳоро пешниҳоднамуда, сухан дода мешавад. Пас аз баррасии тағйиру иловаҳо, лоиҳаи таҳриршудаи қарор ба овоз монда шуда, бо ҷонибдории аксарияти аъзоёни ҳайати мушовара қабул карда мешавад.

5.6. Аъзои ҳайати мушовара дар ҳолати имконияти воқеии дар ҷаласаи ҳайати мушовара иштирок карда натавонистан, метавонад тариқи маҷозӣ тавассути низоми вақти воқеӣ бо воситаи барномаҳои электронӣ иштирок намуда, ба тарафдории қарори қабулгардида овоз диҳад (ба истисної рухсатии меҳнатӣ ё ҳолати беморӣ) ва дар протоколи ҷаласаи ҳайати мушовара тариқи маҷозӣ имзои электронии худро гузорад, ки дар протоколи ҷаласа қайд карда мешавад.

Дар ҳолати норозӣ будан ба қарори дахлдор тариқи электронӣ фикру мулоҳизаи худро ирсол менамояд.

5.7. Аз натиҷаи ҷараёни ҷаласаи ҳайати мушовара протокол тартиб дода шуда, аз ҷониби раиси ҷаласа ва аъзоёни ҳайати мушовара ба имзо расонида мешавад.

5.8. Дар ҳолати бо қарори қабулнамудаи ҳайати мушовара оид ба баррасии натиҷаи чорабинии аудиторӣ (таркиби ҳисобот, тавсияҳо, мактуби ахборотӣ ё хулоса) розӣ набудан, аъзо ё гурӯҳи аъзоёни ҳайати мушовара ҳуқуқ доранд, дар муҳлати 3 рӯз ба раиси Палатаи ҳисоб тариқи хаттӣ ибрози ақида пешниҳод намоянд, ки он ба қарори ҳайати мушовара замима карда мешавад. Амали мазкур танҳо дар доираи қарори ҳайати мушовара нисбат ба таркиби ҳисобот оид ба натиҷаи чорабинии аудитории анҷомдода пешниҳод карда шуда, дар алоҳидагӣ аз қарори ҳайати мушовара нашр ва ё эълон карда намешавад.

5.9. Протоколи ҷаласаи ҳайати мушовара ҳамчун ҳуҷҷати расмии Палатаи ҳисоб нигоҳ дошта мешавад. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳуҷҷати мазкур, танҳо бо қарори ҳайати мушовара иҷозат дода мешавад. Дар чунин ҳолат матни пештараи протоколи ҷаласаи ҳайати мушовара нигоҳ дошта мешавад.

## 6. Тартиби омодагӣ, гузарондани аудит ва омода намудани ҳисобот, хулоса ва тавсия аз натиҷаи чорабинии аудиторие, ки ба ваколати ду ва ё зиёда сараудитор дахл дорад

6.1. Агар зарурияти гузарондани чорабинии аудиторӣ, ки ба ваколати ду ё зиёда сараудитор тааллуқ дорад пайдо шавад, раиси Палатаи ҳисоб ё муовини ӯ ба сараудитороне, ки баррасии масъалаҳо ба самти фаъолияти онҳо вобаста аст, супориш медиҳад, ки дар муддати на зиёда аз се рӯзи корӣ ҷиҳати омода намудани барномаи ягонаи гузарондани чорабинии аудиторӣ, таклиф пешниҳод намоянд.

6.2. Дар асоси таклифу пешниҳоди сараудиторони Палатаи ҳисоб, аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб ва ё бо супориши ӯ аз ҷониби муовини раис дар муддати се рӯзи корӣ барномаи ягонаи гузарондани чорабинии аудиторӣ омода карда шуда, барои баррасӣ дар ҷаласаи ҳайати мушовара пешниҳод карда мешавад.

6.3. Дар мавриди дар муҳлати муқарраршуда ғайриимкон гардидани баррасии барномаи гузарондани чорабинии аудиторӣ дар ҷаласаи ҳайати мушовара, раиси Палатаи ҳисоб ва ё бо супориши ӯ муовини раиси Палатаи ҳисоб ҳуқуқ доранд барномаи ягонаи гузарондани чорабинии аудиториро тасдиқ намоянд ва баъдан онро ба ҷаласаи навбатии ҳайати мушовара пешниҳод намоянд.

6.4. Ба расмият даровардани барномаи ягонаи гузарондани чорабинии аудиторӣ, тибқи муқаррароти стандартҳои дахлдори Палатаи ҳисоб бо тартиби умумӣ, амалӣ карда мешавад.

6.5. Ҳайати мушовара ин гуна чорабинии аудиториро дар нақшаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб барои соли ҳисоботӣ дохил намуда, барнома, даврият, марҳила, мавзуъ ва муҳлати гузарондани он ва ҳайати шахсони масъулро тасдиқ менамояд.

6.6. Ҳамоҳангсозии фаъолияти сараудиторонро ҳангоми гузарондани чорабинии аудиторӣ, ки ба ваколати ду ва ё зиёда сараудитор дахл дорад муовини раиси Палатаи ҳисоб амалӣ менамояд.

6.7. Ҳар як сараудитори масъул дар муҳлати пешбинишуда арзёбии масъалаи самти фаъолият ё мавзуи ба ӯ вобасташударо таъмин ва тибқи тартиби муқарраргардида аз натиҷаи он санадҳои заруриро таҳия намуда, ба муовини раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

6.8. Муовини раиси Палатаи ҳисоб хулосаҳои аудитории пешниҳоднамудаи сараудиторонро ҷамъбаст менамояд.

6.9. Хулоса якҷо бо далелҳои аудиторӣ ва лоиҳаи тавсияҳо аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ бо риояи тартиби муқарраргардида ба баррасии ҳайати мушовара пешниҳод карда мешаванд.

6.10. Хулосаи тасдиқнамудаи ҳайати мушовара аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё мақомоте, ки дархост намудааст, фиристода мешавад.

### 7. Тартиби гузарондани ҷаласаи назоратии назди раиси Палатаи ҳисоб

7.1. Ҷаласаи назоратии назди раиси Палатаи ҳисоб (минбаъд - ҷаласаи назоратӣ) ҳар ҳафта бо иштироки раис, муовини раис, сараудиторон, роҳбари дастгоҳ, сардорони воҳидҳои сохторӣ ва ёрдамчии раис баргузор гардида, вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда кормандони дигар низ даъват карда мешаванд.

7.2. Протоколи ҷаласаи назоратӣ аз ҷониби ёрдамчии раис дар муддати на зиёда аз се рӯз таҳия ва ба расмият дароварда шуда, пас аз ба имзо расидан тавассути шуъбаи умумӣ ба масъулини дахлдор дастрас карда мешавад.

7.3. Қарори ҷаласаи назоратӣ дар асоси хулосаву таклифҳо вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда таҳия шуда, бандҳои он мушаххас, бо дарҷи шахсони масъул ва муҳлати иҷро қабул карда мешавад.

7.4. Назорати иҷрои супоришҳои протоколии ҷаласаи назоратӣ ба зиммаи шуъбаи умумӣ гузошта шуда, аз натиҷаи иҷрои қарорҳои он дар муҳлати муқарраршуда, ба раиси Палатаи ҳисоб маълумот пешниҳод менамояд. Аз назорат соқит ва ё ҳангоми зарурият тамдиди муҳлати он, ба ваколати раиси Палатаи ҳисоб гузошта мешавад.

### 8. Тартиби банақшагирии чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб

8.1. Фаъолияти Палатаи ҳисоб бо имконияти захираҳои кадрӣ дар асоси *нақшаҳои стратегӣ ва солона барои таъмини иҷрои вазифаҳои Палатаи ҳисоб бо дар назар доштани талаботи қонунгузорӣ, таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дархости Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии* Ҷумҳурии Тоҷикистон, *қарори асосноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар доираи парвандаи ҷиноятии оғозгардида ва таъиноти суд, инчунин, муроҷиати ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади:*

1) арзёбии ҳисоботи молиявӣ ва низоми баҳисобгирии корхона, муассиса ва ташкилотҳои давлатии дигар оид ба дурустии пешбурди ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ;

2) арзёбии мутобиқати истифодаи воситаҳои буҷетӣ, молу мулк ва захираҳои давлатӣ ба Қонун “Дар бораи буҷети давлатӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) арзёбии истифодаи самараноки воситаҳои буҷетӣ ва захираҳои давлатӣ, барои расидан ба мақсадҳои пешбинишуда *ба роҳ монда мешавад.*

8.2. *Банақшагирии фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоб тибқи талаботи моддаи 32 Қонуни соҳавӣ, Дастури мазкур ва Дастурамали Палатаи ҳисоб оид ба тартиби банақшагирии гузарондани чорабиниҳои аудиторӣ бо дар назар доштани аҳамиятнокӣ, хавфҳо, муҳлат ва ҳаҷми воситаҳои буҷетии асосёфта ва интизории ҷонибҳои манфиатдор, таъмини инъикоси шаффофияти фаъолият, маълумот дар бораи ҳаҷми аудитҳои банақшагирифташуда ва раванди банақшагирӣ бо ҷомеа, инчунин, банақшагирии дуруст барои таъмини сифати аудит амалӣ карда мешавад.*

8.3. Палатаи ҳисоб нақшаи умумии чорабиниҳои аудиториро барои соли оянда (нақшаи солона) бо интихоби мустақилонаи объекти аудит таҳия менамояд, ки дар он объекти аудит (сохторҳои он), мавзуъ, мақсад, давраи аудит, муҳлат, тарзу усули гузарондани аудит ва теъдоди аудиторон, дарҷ карда мешаванд.

8.4. Сарaудитори самти фаъолият ва сардори раёсати мустақил ҷиҳати ворид намудан ба нақшаи чорабинии аудитории солонаи Палатаи ҳисоб, номгӯйи объекти аудит (сохторҳои он), ҳаҷми воситаҳои буҷетӣ ва хавф, мақсад, марҳила, даврият, мавзуъ ва давраи аудит, инчунин, муҳлати гузарондани аудит бо дар назар доштани аҳамиятнокӣ пешниҳод менамоянд ва ҷиҳати асоснокии он масъул мебошанд.

8.5. Тартиб, раванд, муҳлат, таҳия, баррасӣ ва тасдиқи нақшаи гузарондани чорабиниҳои аудитории солона ва стратегии идоравиро Дастурамал оид ба тартиби банақшагирии гузарондани чорабиниҳои аудитории солона ва стратегии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян менамояд.

8.6. Палатаи ҳисоб ҳуқуқ дорад тибқи тартиби муқарраргардида, чорабиниҳои ғайринақшавӣ гузаронад.

8.7. Сарaудитори самти фаъолият ва сардори раёсати мустақил барои сари вақт гузарондани чорабинии аудиторӣ ва идоракунии сифати аудит, масъул мебошанд.

8.8. *Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳар семоҳа иҷрои саривақтии нақшаи чорабиниҳои аудиториро таҳлил намуда, ба раиси Палатаи ҳисоб маълумот пешниҳод менамояд.*

## 9. Тартиби баррасии дархост вобаста ба гузарондани чорабинии аудиторӣ

9.1. Дар ҳолати ба Палатаи ҳисоб ворид гардидани дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дархости вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ворид гардидани дархости мақомоти дигар (минбаъд – дархост) барои гузарондани чорабинии аудиторӣ,

раиси Палатаи ҳисоб ҷиҳати баррасии он, омода намудан ва ба ҳайати мушовара пешниҳод намудани лоиҳаи барнома бо муайян намудани объекти аудит (сохторҳои он), мавзуъ, мақсад, давраи аудит, муҳлат ва тарзу усули гузарондани аудит ё масъалаи аудитшаванда, ба сараудитор ё сардори раёсати мустақил супориш медиҳад.

9.2. Сараудитор ва ё шахси масъул дастуру супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дархости Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муҳлати се рӯзи корӣ ва дархости мақомоти дигарро дар муҳлати панҷ рӯзи корӣ баррасӣ намуда, ба раиси Палатаи ҳисоб ва ё муовини раис ҷиҳати ба ваколати Палатаи ҳисоб дахл доштани гузарондани чорабинии аудитории дархостшуда, барномаи он, мавзуъ, давраи фарогири аудит ва муҳлати аудит, инчунин, ҳайат ва таъсиси гурӯҳи аудиторӣ, фикру мулоҳизаи худро пешниҳод менамояд.

9.3. Аз натиҷаи баррасии дархост ва хулосаи шахси масъул ҳайати мушовара яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

- масъалаи дархостшуда ба нақшаи чорабиниҳои аудитории Палатаи ҳисоб дохил ва чорабинии аудиторӣ гузаронда шавад;

- ҳангоми гузарондани чорабинии аудиторӣ ва дигар корҳои ташхисӣ-таҳлилии нақшавӣ, дархост ба инобат гирифта шавад;

- дархост барои баррасӣ ба дигар мақомоти давлатӣ аз рӯйи тобеият ирсол карда шавад;

- дархост рад карда шавад.

9.4. Ҳайати мушовара лоиҳаи барномаи чорабиниро оид ба иҷрои дархост баррасӣ намуда, бо дар назар доштани ворид намудани тағйироту иловаҳои зарурӣ, барномаро тасдиқ менамояд.

9.5. Дар ҳолатҳои ҷудогона раиси Палатаи ҳисоб, муовини раис ё сараудитори самти фаъолият, ки иҷрои дархост ба ӯ вогузор шудааст метавонад, ҷаласаи навбатии ҳайати мушовараро интизор нашуда, барномаи чорабинии ғайринақшавиро тасдиқ намояд ва бо риояи тартиби муқарраргардида, ҷиҳати оғози чорабиниҳои аудиторӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ супориш диҳад. Минбаъд, барномаи ин чорабинии ғайринақшавӣ барои баррасӣ ва тасдиқ намудан, ҳатман ба ҷаласаи навбатии ҳайати мушовара пешниҳод карда мешавад.

9.6. Чорабинии ғайринақшавӣ, ки бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дархости мақомоти қонунгузор ё иҷроия, инчунин, бо қарори асосноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар доираи парвандаи ҷиноятии оғозгардида ва таъиноти суд амалӣ карда мешавад, бо қарори ҳайати мушовара ҳатман ба

Нақшаи чорабиниҳои аудитории Палатаи ҳисоб барои соли молиявӣ дохил карда мешавад.

9.7. Ба мақомоти иҷроия, ҳифзи ҳуқуқ, қонунгузор ё ҳокимияти давлатӣ, ки бо дархост ҷиҳати гузарондани аудити ғайринақшавӣ муроҷиат намудааст, дар ҳолати қонеъ гардидани дархост бо нишон додани муҳлати гузарондани чорабинии аудиторӣ хабар дода мешавад.

9.8. Дар ҳолати рад намудани дархост ба мақоми дархосткарда дар муҳлати 5 рӯз ҷавоби асосноки хаттӣ, ирсол карда мешавад.

## 10. Тартиби ворид намудани тағйиру илова ба нақшаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб барои соли молиявӣ

10.1. Ворид намудани тағйиру илова ба нақшаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб барои соли молиявӣ дар асоси муқаррароти бандҳои 8 ва 9 Дастури мазкур ва Дастурамал оид ба тартиби банақшагирии гузарондани чорабиниҳои аудитории солона ва стратегии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

10.2. Ворид намудани тағйирот дар нақшаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб барои соли молиявӣ ё дар ҳолати ғайриимкон гардидани иҷрои банди алоҳидаи нақша, барои ба давраи дигар гузарондани муҳлати чорабинии аудиторӣ бо гузориши асосноки сараудитори самти фаъолият ё сардори раёсати мустақил бо қарори ҳайати мушовара қабул карда мешавад.

Дар ин ҳолат банди алоҳидаи нақша хориҷ ё муҳлати амалӣ намудани он ба давраи дигар гузаронда мешавад.

## 11. Тартиби таҳия ва тасдиқи нақшаи кории Палатаи ҳисоб

11.1. Таклифҳо ба лоиҳаи нақшаи кории дохилиидоравии Палатаи ҳисоб бо нишон додани номгӯйи чорабинӣ, масъули иҷро ва муҳлат ба Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ё шахси масъули самти фаъолияти фарогири нақша, пешниҳод карда мешавад.

11.2. Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ё шахси масъул дар асоси таклифҳои пешниҳодшуда бо дар назар доштани стратегия, барнома, консепсия ва хавфҳо лоиҳаи нақшаи кориро мураттаб сохта, барои тасдиқ ба раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

11.3. Нақшаи корӣ аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб тасдиқ карда шуда, дар шуъбаи умумӣ ба қайд гирифта, барои таъмини иҷро ба воҳидҳои сохтории дахлдор фиристода мешавад.

11.4. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нақшаи корӣ ба ваколати раиси Палатаи ҳисоб дохил мешавад.

11.5. Раёсату шуъбаҳо нақшаҳои кории худро бо дар назар доштани нақшаи кории Палатаи ҳисоб ва самти фаъолият тартиб медиҳанд, ки аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешавад. Баъд аз тасдиқ он дар шуъбаи умумӣ ба қайд гирифта шуда, барои таъмини иҷро ба сардорони воҳидҳои сохторӣ фиристода мешавад. Ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва сифати он сараудитори самти фаъолият ва сардори воҳиди сохтории мустақил масъул мебошад.

11.6. Дар ҳолати зарурӣ вобаста ба таъмини иҷрои дастуру супориш ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷлису чорабиниҳои сатҳи ҷумҳурӣ, тибқи тартиби муқарраргардида нақшаи чорабиниҳои алоҳида вобаста ба самти соҳа таҳия ва тасдиқ гардида, мавриди иҷро қарор дода мешавад.

11.7. Сараудитор ва сардори воҳиди сохторӣ аз натиҷаи иҷрои нақшаи кории Палатаи ҳисоб ба сардори воҳиди сохтории масъул барои ҷамъбаст маълумотнома пешниҳод менамояд.

## 12. Тартиби пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо

12.1. Тартиби пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо, талаботи ахлоқию этикӣ, маҷмуи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии кормандони Палатаи ҳисобро Кодекси одоби корманди Палатаи ҳисоб, ки ҳайати мушовара тасдиқ мекунад, муқаррар менамояд.

12.2. Корманди Палатаи ҳисоб ҳангоми гузарондани чорабинии аудиторӣ бояд аз иштирок дар амале, ки беғаразии ӯро зери шубҳа қарор медиҳад ва ё аз ҷой доштани ҳолатҳое, ки бевосита ё бавосита аз манфиатдории ӯ дар амали ғайриқонунӣ гувоҳӣ медиҳад, даст кашад.

12.3. Корманди Палатаи ҳисоб наметавонад ба фаъолияти ғайрикасбӣ, ки имкон дорад худи ӯ ё мақоми аудити давлатиро бадном намояд, бархӯрди манфиатҳоро ба миён орад ва ё ба фаъолияте, ки бевосита ё ғайримустақиман ба фаъолият зарар расонад, ҷалб шавад.

12.4. Агар корманди Палатаи ҳисоб дар ҳолате қарор дошта бошад, ки бархӯрди манфиатҳо ба миён омаданаш мумкин аст, ӯ бояд фавран дар ин хусус роҳбари бевоситаи худро ба таври хаттӣ огоҳ созад.

## 13. Тартиби пешбурди коргузорӣ, қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

13.1. Пешбурди коргузорӣ дар Палатаи ҳисоб бо риояи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” ва “Дар бораи сирри давлатӣ”, аз ҷумла, Дастурамал оид ба тартиби коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, инчунин, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст ва Дастурамали коргузории Палатаи ҳисоб, инчунин, тавассути истифодаи техникаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, амалӣ карда мешавад.

13.2. Муовини раис, сараудиторон, роҳбари дастгоҳ, сардорони воҳидҳои сохторӣ, аудиторон ва кормандони Палатаи ҳисоб вазифадоранд, ки мунтазам барои пурраю ҳаматарафа, дар муҳлат ва босифат баррасӣ кардани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, доир ба ирсоли саривақтии ҷавоби хаттӣ ба муаллиф аз натиҷаи баррасии муроҷиат, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

13.3. Сараудиторон, сардорони воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб, аудиторон ва кормандон ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва супоришҳои раиси Палатаи ҳисоб ҳангоми баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ масъул мебошанд.

13.4. Вогузор намудани баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз як воҳид ба воҳиди дигар дар асоси гузориши асосноки хаттии сардори воҳидҳои сохторӣ, аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб ё муовини ӯ амалӣ карда мешавад.

13.5. Қабули шаҳрвандон, намояндагони сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои дахлдори самти фаъолияти аудити давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад.

13.6. Ҷадвали қабули шаҳрвандон бо фармоиши раиси Палатаи ҳисоб тасдиқ гардида ва дар ҷойи намоёни даромадгоҳи бинои маъмурӣ,ҷойгир карда мешавад.

13.7. Шуъбаи умумӣ барои дар сатҳи зарурӣ қабул, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ масъул буда, фаъолияти воҳидҳои сохториро оид ба он назорат карда, мунтазам натиҷаи онро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, ба раиси Палатаи ҳисоб маълумот пешниҳод менамояд.

## 14. Ҳифзи сирри давлатӣ

14.1. Коргузорӣ бо ҳуҷҷатҳои сирри махфидошта ва ташкили маҷмуи чорабиниҳо оид ба таъмини нигоҳдории захираҳои иттилоотии Палатаи ҳисоб дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сирри давлатӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## III. ТАРТИБИ ГУЗАРОНДАНИ ЧОРАБИНИИ АУДИТОРӢ ВА ҚАБУЛИ ҚАРОР АЗ НАТИҶАИ ОН

**15. Асос барои гузарондани чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб**

15.1. Чорабинии аудиторӣ (аудити молиявӣ, аудити мутобиқат ва аудити самаранокӣ, инчунин, ташхису таҳлил) аз ҷониби Палатаи ҳисоб дар заминаи қонунгузорӣ, мутобиқи нақшаи чорабинии аудитории солона ва дар асоси фармоиши дахлдори раиси Палатаи ҳисоб, амалӣ карда мешавад.

15.2. Шарти асосии гузарондани чорабинии аудиторӣ аз натиҷаи марҳилаи омодагӣ, таҳия ва тасдиқи барномаи аудит иборат мебошад. Танҳо пас аз муайян намудани самтҳои фаъолияти объект, ҳаҷми маблағи мавриди аудит фарогиранда, давра ва мавзуи фарогири аудит, шумораи зарурии аудиторон, муҳлати гузарондани чорабинии аудиторӣ ва зарурияти ҷалби коршиноси беруна фармоиши раиси Палатаи ҳисоб оид ба марҳилаи гузарондани чорабинии аудиторӣ дар объекти аудит ба имзо расонида мешавад.

15.3. ***Аудитори Палатаи ҳисоб ваколатҳои худро танҳо дар сурати доштани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи гузарондани аудит, аз ҷумла, фармоиш ё шаҳодатнома амалӣ менамояд.***

15.4. Чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб мутобиқи муқаррароти қонунгузории соҳавӣ, дастури мазкур, СПҲ - 2000 оид ба гузарондани аудити молиявӣ, раҳнамо-шарҳи умумӣ ва заминаҳо барои гузарондани аудити молиявӣ ва мутобиқат, СПҲ - 3000 оид ба гузарондани аудити самаранокӣ, СПҲ-400 Принсипҳои аудити мутобиқат, СПҲ - 4000 оид ба гузарондани аудити мутобиқат, стандартҳои байналмилалии аудит ва дастурҳои методологии дигари Палатаи ҳисоб, амалӣ карда мешавад.

**16. Тартиби ташкили чорабинии аудиторӣ**

16.1. Чорабинии аудиторӣ дар се марҳила амалӣ карда мешавад:

1) омодагӣ ба чорабинии аудиторӣ:

2) гузарондани чорабиниҳои аудиторӣ дар объекти аудит;

3) омода намудани ҳисобот, хулоса ва тавсия аз натиҷаи аудит.

16.2. Мутобиқ ба стандартҳои Палатаи ҳисоб тамоми марҳилаҳои чорабинии аудиторӣ аз назорати сифат гузаронда мешавад, ки масъулияти идоракунии сифати аудит ба сарудитор, роҳбари гурӯҳи аудиторӣ ва аудитори масъули чорабинӣ вогузор карда мешавад.

16.3. Амалӣ намудани аудит дар ҳама марҳилаҳо ва натиҷаи онҳо, дар барномаи электронии идоракунии низоми аудити Палатаи ҳисоб қайд ва пешбурд карда мешавад.

16.4. Марҳилаи омодагӣ бо фармоиши аъзои ҳайати мушовараи самти фаъолият бо созмон додани гурӯҳи омодагӣ, ки дар он номгӯйи объекти аудит, сохтори он, давраи аудит, муҳлати гузарондани он ва шахси масъул, пешбинӣ карда мешавад, оғоз мегардад.

16.5. Роҳбари гурӯҳи омодагӣ ё аудитори масъули чорабинии аудиториро зарур аст, дар давоми ду ҳафта барои дуруст ташкил намудан ва гузарондани аудит номгӯй, сохтор ва хусусиятҳои объекти аудит, вазъи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, аҳамиятнокии мавзуи чорабинии аудиторӣ, дараҷаи хавф, ки ба фаъолияти объект хос аст, муҳлати аз лаҳзаи анҷом ёфтани чорабинии қаблӣ гузашта, ҳаҷми воситаҳои буҷетии ба объекти аудит ҷудогардида, арзёбии фаъолияти сохтори аудити дохилӣ, дурустии истифода намудани восита ва захираҳои давлатӣ, хавфи аудиторӣ ва идоракунӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тартиб ва хусусияти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва идоракунии дурусти объекти аудитро ба танзим медарорад, пешакӣ муайян намояд.

16.6. Аудитор бо риояи тартиби муқарраргардида, ҷиҳати омӯзиш ва арзёбии пешакӣ аз масъулини объекти аудит ҳуҷҷатҳои дахлдори муҳосибию молиявӣ ва омориро тариқи электронӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии идоравӣ ё дар ҳолати ғайриимкон будан тариқи қоғазӣ дархост карда мегирад.

16.7. Аз ҷониби роҳбари гурӯҳ ё аудитори масъул аз натиҷаи марҳилаи омодагӣ маълумот оид ба объекти аудит ва ҳуҷҷатҳои дахлдор (ҷузвдон) ҷамъоварӣ гардида, бо дар назар доштани аҳамиятнокӣ ва хавфҳои объекти аудит дар мувофиқа бо сардори раёсат барномаи чорабинии аудиторӣ таҳия ва аз ҷониби аъзои ҳайати мушовараи самти фаъолият ё муовини раис бо назорати таъмини сифати он, тасдиқ карда мешавад.

16.8. Барномаи чорабинии аудиторӣ, ки тасдиқи он аз ҷониби ҳайати мушовара ҳатмист, бо риояи муқаррароти моддаи 14 қисми 7 Қонуни соҳавӣ амалӣ карда мешавад.

16.9. Ҳамзамон, роҳбари объекти аудит оид ба гузарондани чорабинии аудиторӣ на дертар аз 5 рӯзи корӣ дар бораи санаи оғози аудит ва давомнокии он ба таври хаттӣ расман огоҳ карда мешавад.

## 17. Гузарондани чорабинии аудиторӣ дар объекти аудит

17.1. Дар марҳилаи гузарондани чорабинии аудиторӣ дар объекти аудит ҷиҳати иҷрои вазифа ва ваколатҳои Палатаи ҳисоб арзёбии мақсаднок ва самараноки идоракунии маблағҳои буҷети давлатӣ, молу мулк, восита ва захираҳои давлатӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ, риояи қонунгузории буҷетӣ

вобаста ба иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, инчунин, иҷрои ваколатҳои масъули воситаҳои буҷетӣ, ваколатҳои гирандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, масъулини даромади буҷет ва манбаъҳои маблағгузории касри буҷет, ҳолати ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, муайян кардани эътимоднокии ҳисоботи молиявии маҷмуӣ ва ҷамъоварии далелҳои аудиторӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси аудитҳои молиявӣ, мутобиқат ва самаранокӣ, инчунин, чорабиниҳои ташхисӣ – таҳлилӣ, амалӣ карда мешавад.

17.2. Амалӣ кардани марҳилаи гузарондани чорабинии аудиторӣ дар объекти аудит бо гузориши муовини раис ё сараудитори самти фаъолият ё сардори раёсати мустақил оид ба созмон додани гурӯҳи аудиторӣ ва ҳайати он, бо фармоиш ё шаҳодатномаи раиси Палатаи ҳисоб ба расмият дароварда мешавад.

17.3. Гузарондани чорабинии аудиторӣ дар объекти аудит ба аудитор ё гурӯҳи аудиторӣ бо дар назар доштани сатҳи салоҳият, этика, кордонӣ ва таҷрибаву малакаи дахлдору зарурии касбӣ дар самти фаъолияти объекти аудит, вогузор карда мешавад.

17.4. Дар ҳолати аз ҷониби гурӯҳи аудиторӣ амалӣ гардидани чорабинии аудиторӣ, аъзоёни он ҳисобот аз натиҷаи чорабинии аудитории объекти аудити вобастгардидаро дар алоҳидагӣ ба роҳбари гурӯҳ пешниҳод менамоянд.

### 18. Тартиби ба расмият даровардани фармоиш ё шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи гузарондани чорабинии аудиторӣ

18.1. Фармоиши сараудитори Палатаи ҳисоб оид ба гузарондани марҳилаи омодагӣ ба чорабинии аудиторӣ бояд дарбар гирад:

- ишора ба банди дахлдори нақшаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб;
- объект ва мавзуи чорабинии аудиторӣ;
- муҳлати марҳилаи омодагӣ;
- шахсони масъул;
- муҳлати барои тасдиқ пешниҳод намудани барномаи чорабинии аудиторӣ.

18.2. Аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб фармоиш оид ба гузарондани чорабинии аудиторӣ дар объекти аудит баъд аз тасдиқи барномаи чорабинии аудиторӣ аз ҷониби сараудитор ё ҳайати мушовара (дар ҳолати муқаррарнамудаи қонунгузории соҳавӣ) ба имзо расонида шуда, бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

- санаи ба имзо расидан ва рақами тартибии фармоиш;
- асоси таҳияи фармоиш ва ишора ба банди дахлдори нақшаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб;
- мавзуи чорабинии аудиторӣ ва объекти аудит;

- даврияти гузарондани аудит;

- муҳлати гузарондани чорабинии аудиторӣ;

- ҳайати гурӯҳи аудиторӣ ва дар ҳолати зарурӣ коршиноси берунаи ҷалбгардида бо нишон додани объектҳо (сохторҳо)-и мушаххаси чорабинии аудитории вобастгардида;

- муҳлати сафари хизматӣ (дар ҳолати зарурияти рафтан ба объекти аудит) ва пардохти хароҷоти он.

Лоиҳаи фармоиши раиси Палатаи ҳисоб аз ҷониби муовини раис ё сараудитор ё сардори раёсати мустақил дар иртибот бо шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус омода карда шуда, баъди мувофиқа бо сараудиторон, роҳбарони аъзои гурӯҳи аудиторӣ ва шахсони барои гузарондани чорабинии аудиторӣ масъул, барои имзо ба раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

18.3. Шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи гузарондани чорабинии аудиторӣ аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб дар ҳолатҳои зерин ба имзо расонида мешавад:

- иловатан сафарбар намудани аудитори Палатаи ҳисоб ё коршиноси беруна барои гузарондани чорабинии аудиторӣ;

- гузарондани аудити мутақобила дар корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки маблағҳои буҷетӣ, молу мулк ё захираҳои давлатии объекти аудитро истифода намудаанд.

18.4. Муҳлати гузарондани чорабинии аудиторӣ дар ҳолати зиёд будани ҳаҷм ё мураккабии он бо гузориши асосноки масъули аудит аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб танҳо дар асоси фармоиш тамдид карда мешавад.

18.5. Фармоиш ё шаҳодатнома дар шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ба қайд гирифта шуда, нусхаи он фавран ба шахсони масъул барои таъмини иҷро супорида мешавад.

18.6. Тартиб, шакл ва қоидаҳои таҳия ва ба расмият даровардани фармоиш ва шаҳодатнома тибқи муқаррароти Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ карда мешавад.

## 19. Тартиби гузарондани аудити молиявӣ

19.1. Қоидаҳои умумӣ, тартиби ташкил ва гузарондани аудити молиявӣ, истифодаи техгологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҷамъоварии далелҳои аудиторӣ, таҳлили далелҳо, омода намудани ҳисобот, хулоса, тавсияҳо ва амалҳои минбаъда, инчунин, идоракунии сифати аудити молиявӣ дар асоси моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо риояи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит

ва СПҲ-2000 оид ба гузарондани аудити молиявӣ, Раҳнамо-шарҳи умумӣ ва заминаҳо барои гузарондани аудити молиявӣ ва мутобиқат амалӣ карда мешавад.

19.2. Муҳлати гузарондани аудити молиявӣ бо дар назар доштани ҳаҷм ва нақшаи чорабинии аудиторӣ муайян карда шуда, дар ҳолати зиёд будани ҳаҷми маблағҳои фарогири аудит ё мураккаб будани он дар асоси гузориши асосноки масъули аудит раиси Палатаи ҳисоб муҳлати гузарондани аудитро тамдид менамояд.

**20. Тартиби гузарондани аудити мутобиқат**

20.1. Қоидаҳои умумӣ, тартиби ташкил ва гузарондани аудити мутобиқат, ҷамъоварии далелҳои аудиторӣ, таҳлили далелҳо, омода намудани ҳисобот, хулоса, тавсияҳо ва амалҳои минбаъда, инчунин, идоракунии сифати аудити мутобиқат дар асоси моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо риояи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит, СПҲ - 400 принсипҳои аудити мутобиқат ва СПҲ - 4000 стандарти аудити мутобиқат, амалӣ карда мешавад.

20.2. Аудити мутобиқат дар алоҳидагӣ ё якҷо бо аудити молиявӣ гузаронда мешавад.

20.3. Муҳлати гузарондани аудити мутобиқат бо дар назар доштани ҳаҷм ва нақшаи чорабинии аудиторӣ муайян карда шуда, дар ҳолати зиёд будани ҳаҷм ё мураккаб будани он дар асоси гузориши асосноки масъули аудит, раиси Палатаи ҳисоб муҳлати гузарондани аудитро тамдид менамояд.

**21. Тартиби гузарондани аудити самаранокӣ**

21.1. Қоидаҳои умумӣ, тартиби ташкил ва гузарондани аудити самаранокӣ, ҷамъоварии далелҳои аудиторӣ, таҳлили далелҳо, омода намудани хулоса ва амалҳои минбаъда, инчунин, идоракунии сифати аудити самаранокӣ дар асоси моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо риояи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит ва СПҲ-300 оид ба гузарондани аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад.

21.2. Муҳлати гузарондани аудити самаранокӣ бо дар назар доштани ҳаҷм ва нақшаи кори аудиторӣ муайян карда шуда, дар ҳолати зиёд будани ҳаҷм ё мураккаб будани он дар асоси гузориши асосноки масъули аудит, раиси Палатаи ҳисоб муҳлати гузарондани аудитро тамдид менамояд.

21.3. Аудитҳои дигар, аудити мавзуъҳои алоҳида ва дигар чорабиниҳои ташхисию таҳлилӣ дар заминаи аудитҳои мутобиқат, молиявӣ ва самаранокӣ гузаронда мешаванд.

### 22. Тартиби гузарондани ташхиси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ"

22.1. Қоидаҳои умумӣ, тартиби ташкил ва гузарондани ташхиси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ", ҷамъоварӣ ва гирифтани маълумотҳои зарурию ҳуҷҷатҳои замимагардида аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили арифметикӣ ва дурустии нишондиҳандаҳои буҷетӣ, ташхиси ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявии нишондиҳандаҳои нақшавӣ, дурустии ҳисобкуниҳои иқтисодӣ-техникӣ, таҳлили ҳаҷми даромад ва хароҷотҳои ба нақша гирифташудаи буҷети давлатӣ, дурустии гурӯҳбандии вазифавӣ, иқтисодӣ, идоравӣ ва барномавӣ, таҳлили даромад ва хароҷот барои амалӣ намудани барномаҳои сармоягузорӣ, таҳлили ҳаҷм ва таркиби манбаъҳои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ ва арзёбии мутобиқатии шакл ва таркиби лоиҳаи Қонуни мазкур ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, бо дастрасии методологияи аудит ва Дастурамал оид ба тартиби омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ", амалӣ карда мешавад.

22.2. Барои гузарондани ташхис сараудиторони самти фаъолият ва барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ" муовини раис ва сараудитори самти баҳодиҳии буҷети давлатӣ масъул мебошанд.

Раиси Палатаи ҳисоб ҳуқуқ дорад, ки барои гузарондани ташхис ва омода намудани хулоса бо фармоиши худ сараудитори самти дигарро ҳамчун масъул таъин намояд.

22.3. Натиҷаи самтҳои алоҳида аз ҷониби сараудитори самти фаъолият ҷамъбаст гардида, хулоса таҳия ва ба муовини раис ва роҳбари гурӯҳи аудиторӣ - сараудитори масъули чорабинӣ барои ҷамъбаст пешниҳод ва аз ҷониби охирин якҷо бо муовини раис, хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли навбатӣ, таҳия карда мешавад.

22.4. Хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ" тибқи тартиби муқарраргардида дар ҳайати мушовара баррасӣ шуда, пас аз тасдиқ гардидан

ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешавад.

22.5. Ҳамоҳангсозии байни сараудиторон ва воҳидҳои сохтории дастгоҳ ҷиҳати таҳияи хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҷониби муовини раиси Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад.

## 23. Тартиби гузарондани аудити ҳисоботи солонаи маҷмуии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ дар соли молиявии ҳисоботӣ

23.1. Қоидаҳои умумӣ, тартиби ташкил ва гузарондани аудити ҳисоботи солонаи маҷмуии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ дар соли молиявии ҳисоботӣ дар асоси қонунҳои соҳавӣ, дастури мазкур, методологияи аудит ва Дастурамали Палатаи ҳисоб оид ба тартиби гузарондани аудити ҳисоботи солонаи маҷмуии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ, амалӣ карда мешавад.

23.2. Муҳлати гузарондани аудити ҳисоботи солонаи маҷмуии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ дар соли молиявии ҳисоботӣ бо дар назар доштани муқаррароти қонунҳои соҳаи молияи давлатӣ ва аудити берунаи мустақили давлатӣ муайян карда мешавад.

23.3. Сараудитори масъули самти фаъолият вобаста ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ” аз ҷониби масъулони қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, тақсимкунандагони асосӣ ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ, иштирокчиёни дигари ҷараёни буҷетӣ, ки воситаҳои буҷетиро гирифтаанд, истифода намудаанд, ё интиқол додаанд, инчунин, молу мулку захираҳои давлатиро идора кардаанд ва самаранокии онҳо чорабиниҳои аудиториро амалӣ намуда, хулоса омода менамояд.

23.4. Натиҷаи самтҳои алоҳида аз ҷониби роҳбари гурӯҳи аудиторӣ-сараудитори масъули чорабинӣ якҷо бо муовини раис ҷамъбаст гардида, хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба аудити иҷрои буҷети давлатӣ дар соли сипаригашта таҳия карда мешавад.

23.5. Хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба иҷрои буҷети давлатӣ дар соли сипаригашта, инчунин, вайронкунии қоидаҳои молиявии муайянгардида ва тавсияҳо ҷиҳати бартараф кардани камбудию норасоиҳо тибқи тартиби муқарраршуда дар ҳайати мушовара баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

23.6. Хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба иҷрои буҷети давлатӣ дар соли сипаригашта дар муҳлати муқаррарнамудаи қонунҳои соҳавӣ ва молияи

давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешавад.

23.7. Ҳамоҳангсозӣ байни сараудиторон ва воҳидҳои сохтории дастгоҳ ҷиҳати таҳияи хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба иҷрои буҷети давлатӣ аз ҷониби муовини раиси Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад.

### 24. Барасмиятдарории санад ҳангоми гузарондани чорабинии аудиторӣ

24.1. Дар рафти гузарондани чорабинии аудиторӣ дар объекти аудит ҳангоми муайян намудани ҳолатҳои истифодаи ғайримақсадноки воситаҳои давлатӣ, инчунин, ҳолатҳои ҷой доштани дигар камбудию норасоиҳои ҷиддӣ, аз натиҷаи он санад тартиб дода шуда, далелҳо оиди ин ҳолат ва муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқие, ки вайрон карда шудааст, дарҷ карда мешаванд.

24.2. Ҳангоми гузарондани давраи асосии чорабинии аудиторӣ, тартиб додани санадҳои зерин имкон дорад:

- санад оид ба эҷод намудани монеа ба кормандони Палатаи ҳисоб барои гузарондани чорабинии аудиторӣ;
- санад оид ба маҳдуд сохтани ҳаҷми гузарондани чорабинии аудиторӣ;
- санад оид ба камбудиҳои дар объекти чорабинии аудиторӣ муайянгардида, ки барои бартараф намудани онҳо ва пешгирӣ намудани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, қабули чораҳои таъхирнопазир зарур мебошад;
- санад оид ба утоқҳои хизматӣ, анборҳо ва бойгонӣ дар объекти чорабинии аудиторӣ;
- санад оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳо дар асл ё нусхаи ҳуҷҷатҳои дахлдори объекти чорабинии аудиторӣ;
- санад дар ҳолати даст кашидан аз имзо гузоштан дар ҳисобот ё хулоса аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ.

24.3. Агар шахси масъули объекти аудит барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дархостшуда ва дастрасӣ ба онҳо ба аудитори масъули Палатаи ҳисоб монеъ эҷод намояд, охирин оид ба ин ҳолат санад тартиб дода, фавран роҳбарияти худро дар шакли хаттӣ хабардор менамояд.

24.4. Тартиби таҳия ва барасмиятдарории санадҳои зикргардида, тибқи стандартҳои аудити Палатаи ҳисоб муайян карда мешавад.

## IV. ШИНОС НАМУДАНИ ШАХСОНИ МАНСАБДОРИ ОБЪЕКТИ АУДИТ БО ҲИСОБОТ АЗ НАТИҶАИ ЧОРАБИНИИ АУДИТОРӢ

25. Пас аз анҷоми чорабинии аудиторӣ, нусхаи ҳисобот аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ барои шиносоӣ ба роҳбари объекти аудит ё шахсони масъул дар асоси забонхат ё гирифтани имзо дар нусхаи асл пешниҳод карда мешавад. Шиносоӣ бо ҳисобот дар муддати як шабонарӯз аз лаҳзаи пешниҳод

намудани он амалӣ карда мешавад. Дар ҳолате, ки ҳисобот ҳаҷми зиёд ва мушкилиҳои махсус дорад, шиносоӣ дар муддати се шабонарӯз анҷом дода мешавад.

25.1. Ҳангоми розӣ набудан аз натиҷаи аудит роҳбари объект тавзеҳот пешниҳод менамояд. Дар ҳолати рад кардани баимзорасонии ҳисобот ва хулосаи аудит корманди барои гузарондани аудит масъул бо иштироки аъзоёни гурӯҳи аудиторӣ ва намояндаи объекти аудит санад тартиб дода, дар он имзо мегузоранд. Роҳбари объект бояд ба таври хаттӣ сабаби рад кардани баимзорасонии ҳисобот ё хулосаи аудитро асоснок намояд.

25.2. Дар мавриди розӣ набудани шахсони масъул ва роҳбари объекти аудит бо натиҷаи аудит, инчунин, вобаста ба камбудиҳои муайянгардида онҳо метавонанд тавзеҳоти асоснок пешниҳод намоянд. Тавзеҳот ба тариқи хаттӣ фавран ва ё дар давоми даҳ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ҳисобот барои шиносоӣ, ба Палатаи ҳисоб ирсол карда мешавад.

25.3. Дар ҳолати аз шахсони масъули объекти аудит ворид гардидани тавзеҳоти хаттӣ, сараудитори Палатаи ҳисоб ё муовини раис дар муддати ҳафт рӯзи корӣ хулосаро омода менамояд ва нусхаи он ба суроғаи объекти дахлдор ирсол карда мешавад. Тавзеҳоти хаттии шахсони масъул ва хулосаи сараудитор ба ҳисобот замима ва ба маводҳои чорабинии аудиторӣ, ҳамроҳ карда мешавад.

25.4. Дар мавриди ба хулосаи сараудитор ё муовини раис розӣ набудани роҳбари объекти аудит бо натиҷаи аудит ва рад кардани баимзорасонии он, сараудитори масъул бо иштироки намояндагони объекти аудит ва аъзоёни гурӯҳи аудиторӣ санад тартиб дода, ба он имзо мегузоранд.

25.6. Агар аз роҳбарияти объекте, ки дар он аудит гузаронда шудааст, то мӯҳлати муқарраршуда ба эроду тавсияҳо ҷавоб пешниҳод нагардад ё он мақсади худро дар бораи пурра ё қисман ислоҳ кардани камбудиҳои муайянгардида изҳор намояд, дар ин маврид сараудитор нусхаи хотимавии хулосаро омода намуда, ба он ҷавоби объекти аудитро (агар он мавҷуд бошад) замима мекунад ва онро барои баррасӣ ба ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

25.7. Рӯзҳои бо ҳисобот ё хулоса аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ё ташхисӣ-таҳлилӣ шинос шудани роҳбар ё шахси масъули объекти аудит ба мӯҳлати гузарондани чорабинии аудиторӣ дохил намешавад.

## V. БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ҲИСОБОТ АЗ НАТИҶАИ ЧОРАБИНИИ АУДИТОРӢ

26. Аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ бо имзои шахси масъули гузарондаи чорабинии аудиторӣ ҳисобот тартиб дода мешавад. Шакл ва таркиби ҳисобот

оид ба натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ, тибқи стандартҳои дахлдори аудити Палатаи ҳисоб ва стандартҳои байналмилалии аудит муқаррар карда мешавад.

26.1. Аудитори масъул мунтазам маълумот аз натиҷаи чорабинии аудиториро тариқи электронӣ ба муовини раис (раёсатҳои мустақил) ё сараудитори самти фаъолият равон менамояд.

26.2. Ҳисобот аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ, ҳуҷҷатҳои паҳнкуниашон маҳдудкардашуда ба шумор меравад. Дар ҳисобот, ба истисноеи ҳисоботҳое, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд, аз лаҳзаи омодасозӣ то лаҳзаи баррасии онҳо дар ҷаласаи ҳайати мушовара, қайди маҳдудкунандаи "Барои истифодаи хизматӣ" дарҷ карда мешавад. Баъди баррасӣ дар ҷаласаи ҳайати мушовара қайди маҳдудкунанда бардошта мешавад, агар дигар ҳолат бо қарори ҳайати мушовара пешбинӣ нашуда бошад.

26.3. Дар ҳисобот аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ дохил намудани ҳар гуна фарзия ва тахминҳо, инчунин, маълумоти бо ҳуҷҷати асоснок тасдиқнашуда ва маълумот аз маводҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ роҳ дода намешавад.

26.4. Дар ҳисобот аз натиҷаи аудит арзёбии ахлоқию маънавии амали шахсони мансабдори объекти аудит, инчунин, тасnифи амали онҳо бо истифода аз истилоҳоти ҳуқуқии “хунукназарӣ”, “сӯиистифода аз мансаб”, “тасарруф”, “исрофкорӣ”, “дуздӣ” ва монанди инҳо манъ аст.

26.5. Ҳисобот аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ дар муҳлати даҳ рӯзи корӣ якҷо бо маводҳои дахлдор, аз ҷониби аудитори масъул ба тариқи ҳатмӣ ба сараудитори самти фаъолият ё муовини раис (раёсатҳои мустақил) пешниҳод карда мешавад.

26.6. Аз ҷониби муовини раис ё сараудитор дар муҳлати ҳафт рӯзи корӣ ҳисобот ва маълумотнома аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ якҷо бо маводҳои дахлдор ва тавзеҳоти хаттӣ (дар ҳолати мавҷуд будани тавзеҳот) мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

26.7. Сараудитор ё муовини раис (вобаста ба чорабинии анҷомдодаи раёсатҳои мустақил) ҳисобот ва маълумотнома аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ, инчунин, маводҳо ва далелҳои аудиториро омӯхта, масъалаҳои зеринро мавриди таҳлил қарор медиҳад:

- дурустӣ ва мутобиқатии ҳисобот аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ба меъёрҳои муқаррааргардида, аз ҷумла, қонуни соҳавӣ, талаботи стандарти Палатаи ҳисоб ва стандартҳои байналмилалии аудит;
- пурра иҷро гардидани барномаи чорабинии аудитории тасдиқгардида;
- тартиби сари вақт ба барномаи аудит илова гардидани масъалаҳои дигар, ки дар ҷараёни аудит ба миён омадаанд;

- дуруст баррасӣ гардидани масъалаҳои дигар ва инъикоси онҳо дар ҳисоботи аудиторӣ;

- риояи даврият ва муҳлати гузарондани аудит;

- мутобиқатии ҳисобот ва маълумотнома аз натиҷаи аудит ба ҳолатҳои воқеии амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ ва идоракунии объекти аудит;

- дурустии далелҳои аудитории ҷамъоварӣ гардида;

- асоснокии хулосабарории вайронкунии қоидаҳои молиявӣ ё камбудию норасоиҳои дигари муайянгардида ва мутобиқатии лоиҳаи тавсияҳо ҷиҳати бартараф кардани онҳо;

- таъмини сифати аудит.

26.8. Муовини раис ё сараудитор дар ҳолати дурустӣ ва мутобиқатии ҳисоботу маълумотнома аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ба меъёрҳои муқарраргардида ва таъмини сифати аудит хулосаи аудиторӣ таҳия ва дар он имзо гузошта, якҷо бо ҳисобот ва маълумотнома аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ва маводҳои ба он дахлдор, инчунин, лоиҳаи тавсия ва мактуби ахборотӣ, барои баррасӣ ба ҳайати мушовара ирсол менамояд.

26.9. Муовини раис ё сараудитор дар ҳолати номутобиқатии ҳисоботу маълумотнома ба натиҷаи чорабинии аудиторӣ ва ба меъёрҳои муқарраргардида, иҷрои нопурраи барномаи чорабинии аудиторӣ, таъмин нагардидани сифати аудит, инчунин, ба миён омадани зарурияти муайян намудани ҳолатҳои алоҳида, ки дар ҷараёни аудит мавриди арзёбӣ қарор дода нашудааст ё пурра фаро гирифта нашудааст, бо гузориши асоснок барои гузарондани чорабинии аудитории иловагӣ дар объекти аудити мазкур ба раиси Палатаи ҳисоб муроҷиат менамояд.

26.10. Дар ҳолати аз ҷониби раис дастгирӣ ёфтани гузориши мазкур чорабинии аудитории иловагӣ таъин карда шуда, он бояд дар муҳлати на зиёда аз 15 рӯз анҷом дода шавад. Дар ҳолати зиёд будани ҳаҷми чорабинии аудитории иловагӣ ё мушкилиҳои дигар минбаъд, танҳо ҳайати мушовара метавонад, муҳлатро тамдид намояд.

26.11. Раиси Палатаи ҳисоб метавонад гузарондани аудити иловагиро ба ҳамон аудитор (гурӯҳи аудитор)-и аввала ё аудитор (гурӯҳи аудитор)-и дигар вогузор намояд.

26.12. Санаи ба имзо расидани қарор дар бораи тасдиқ намудани ҳисобот ё хулоса аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ санаи ба итмом расидани чорабинии аудиторӣ ба ҳисоб меравад.

### 27. Тартиби омодасозӣ ва қабули қарор аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ

27.1. Маводҳо аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ (ҳисобот, хулоса, нусхаи барномаи чорабинӣ, санадҳо, далелҳои аудиторӣ, тавсия ва мактуби ахборотӣ) ба тариқи ҳатмӣ бо имзои муовини раис ё сараудитори самти фаъолият дар муҳлати пештар аз 10 рӯзи корӣ то ҷаласа ба ҳайати мушовара пешниҳод карда мешаванд.

27.2. Аз ҷониби Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мувофиқа бо раиси Палатаи ҳисоб лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ҳайати мушовара ва лоиҳаи қарор аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ду рӯз пештар аз ҷаласа ба аъзоёни ҳайати мушовара пешниҳод карда мешавад.

27.3. Дар ҳолатҳои алоҳида қабули қарор оид ба натиҷаи чорабинии аудиторӣ бо тартиби махсуси аз ҷониби ҳайати мушовара тасдиқшаванда ба амал оварда мешавад.

27.4. Аз натиҷаи баррасии хулоса ва ҳисобот оид ба натиҷаи чорабинии аудиторӣ, ҳайати мушовара яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

- оид ба тасдиқи ҳисобот;
- оид ба рад кардани тасдиқи ҳисобот.

27.5. Дар ҳолати аз ҷониби ҳайати мушовара тасдиқ гардидани ҳисобот ва хулоса, инчунин, дастгирии тавсияҳо оид ба масъалаҳои зерин қарор қабул карда мешавад:

- оид ба фиристодани тавсия;
- оид ба фиристодани маводҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- оид ба пешбурди таҳлил пешниҳоди маълумот аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ба Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ;
- оиди дар воситаҳои ахбори омма нашр гардидани хулоса ва ҳисоботи аудиторӣ, аз ҷумла, дар сомонаи расмии Палатаи ҳисоб ҷойгир намудани он.

27.6. Дар ҳолати аз ҷониби ҳайати мушовара қабул гардидани қарор оид ба фиристодани мавод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маводҳо аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ якҷо бо далелҳои аудиторӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ва риояи “Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодан ва ба истеҳсолоти онҳо қабул намудани маводи аудит (тафтиш, ревизия) ва санҷиш” дӯхта ва саҳифагузорӣ карда шуда, бо хулосаи шуъбаи ҳуқуқ оид ба асоснокӣ ва пуррагии маводҳо дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ бо мактуб ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристода мешавад.

Дар ҳолати муайян гардидани ҳолатҳои қаллобӣ аудитор анҷоми чорабинии аудиториро интизор нашуда, оид ба ҳолати муайяншуда санади алоҳида таҳия намуда, барои фиристодан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба роҳбари самти фаъолият пешниҳод менамояд.

27.7. Аз ҷониби ҳайати мушовара барои тасдиқ накардани ҳисобот сабабҳои зерин асос шуда метавонад:

- номутобиқатӣ ва нопуррагии ҳисоботи пешниҳодшуда ба барномаи тасдиқшудаи чорабинии аудиторӣ;

- пурра, ҳаматарафа ва холисона арзёбӣ нагардидани фаъолияти молиявию хоҷагидории объекти аудит;

- номутобиқатии ҳисоботи пешниҳодшуда ба мавод, хулоса ва ҳуҷҷатҳои дигар оид ба натиҷаи чорабинии аудиторӣ;

- дар хулоса мавҷуд набудани баҳодиҳии вайронкунии қоидаҳои молиявӣ ва асоснокии онҳо;

- номутобиқатии маводҳои пешниҳодшуда ба талаботи Дастури мазкур, стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Палатаи ҳисоб.

27.8. Дар ҳолати тасдиқ нагардидани ҳисобот ё хулоса, дар қарори ҳайати мушовара бояд асоси он нишон дода шуда, сараудитори самти фаъолият ё шахси масъул барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта вазифадор карда шуда, чорабинии иловагӣ, такрорӣ ё дигар корҳои зарурӣ ва мӯҳлати иҷрои он муайян карда мешавад.

27.9. Дар ҳолатҳои зарурӣ новобаста аз дар маҷмуъ тасдиқ нагардидани ҳисобот ё хулоса, қарор дар бораи ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодани санадҳои алоҳида оид ба ҳолатҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қабул карда мешавад.

27.10. Роҳбар ё намояндаи объекти аудит метавонад дар баррасии натиҷаи чорабинии аудиторӣ тибқи тартиби муқарраргардида дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб иштирок намояд.

27.11. Қарори ҳайати мушовара аз баррасии натиҷаи чорабинии аудиторӣ бо ҷонибдории аксарияти аъзоён қабул гардида, он аз ҷониби раис имзо карда мешавад.

27.12. Баъд аз ҷониби ҳайати мушовара баррасӣ ва тасдиқ гардидани хулоса ва ҳисобот аз натиҷаи аудити берунаи мустақили давлатӣ хулоса, ҳисобот ва маълумотнома фавран барои ворид намудани маълумотҳои оморӣ дар ҳисоботҳои даврӣ ва солона ба тариқи электронӣ ва ҳам дар шакли қоғазӣ ба Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ, пешниҳод карда мешавад.

27.13. Ҷиҳати таъмини принсипи шаффофияти фаъолияти Палатаи ҳисоб бо риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳайати мушовара баъд аз тасдиқи хулоса ва ҳисобот аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ масъалаи дар воситаҳои ахбори омма нашр гардидани хулоса ва ҳисоботи

аудиторӣ, аз ҷумла, дар сомонаи расмии Палатаи ҳисоб ҷойгир намудани он, қарор қабул карда мешавад.

### 28. Тартиби омода ва ирсол намудани хулоса, тавсия ва мактубҳои ахборотии Палатаи ҳисоб

28.1. Хулоса ва тавсия аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ аз ҷониби сараудитори самти фаъолият ё муовини раис таҳия гардида, баъд аз тасдиқи ҳайати мушовара бо имзои раиси Палатаи ҳисоб дар муҳлати то 10 рӯз ба объекти аудит фиристода шуда, дар Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ба қайд гирифта мешавад.

28.2. Дар хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба ташхиси лоиҳаи буҷети давлатӣ, аудити ҳисоботи маҷмуии солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои буҷети давлатӣ, инчунин, чорабиниҳои аудиторӣ ва ташхисию таҳлилӣ масъалаҳои зерин инъикос карда мешаванд:

- камбудиҳои дар натиҷаи гузарондани чорабинии аудиторӣ муайянгардида ва шахсони масъул;
- тавсия оид ба бартараф намудани камбудиҳо, барқарор намудани маблағи вайронкунии қоидаҳои молиявӣ ва андешидани чораҳои қонунӣ нисбати шахсони масъуле, ки ба камбудиҳо роҳ додаанд;
- муҳлати андешидани чораҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳо ва тариқи хаттӣ хабар додан аз натиҷаи чораҳои андешидашуда.

28.3. Инчунин, лоиҳаи мактуби ахборотӣ аз ҷониби сараудитори самти масъул ё муовини раис дар асоси хулоса ва тавсия аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ таҳия гардида, бо имзои раиси Палатаи ҳисоб ба мақоми болоии объекти аудит барои хабардор кардан аз камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти идоракунии молиявии зерсохтори он фиристода мешавад.

## VI. Ҷараёни назорати иҷрои тавсияҳо аз натиҷаи аудит

29. Палатаи ҳисоб татбиқи натиҷаи аудит ва иҷрои тавсияҳоро ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида назорат менамояд.

29.1. Агар корманди Палатаи ҳисоб дар ҷараёни чорабиниҳои аудиторӣ муайян намояд, ки тавсияҳои қаблии Палатаи ҳисоб аз тарафи объекти аудит пурра ё қисман иҷро нашудаанд ва камбудиҳои муайянгардида бартараф карда нашудааст, оиди ин ҳолат дар ҳисобот дарҷ карда, роҳбари самти фаъолиятро хабардор менамояд. Хулосаи сараудитор оид бо ҳолатҳои мазкур барои баррасӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ ба ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

29.2. Дар Палатаи ҳисоб амалӣ кардани назорати иҷрои тавсия, инчунин, чораҳои андешидашуда ва қарорҳои қабулгардида аз натиҷаи баррасии он дар низоми электронии идоракунии аудит бо дар назар доштани ҷадвали Таснифи вайронкунии қоидаҳои молиявӣ, амалӣ карда мешавад.

## VII. Тартиби таҳия ва тасдиқи шаклҳои ҳисобот, инчунин, пешбурди ҳисоботҳои даврӣ ва солона аз натиҷаи фаъолияти Палатаи ҳисоб

30. Шакли ҳисобот дар намуди маълумотнома аз натиҷаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб ва ҷадвали номгӯйи масъалаҳое, ки бояд дарҷ карда шаванд аз ҷониби Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳия ва аз ҷониби ҳайати мушовара тасдиқ карда мешавад.

30.1. Маълумотҳои омории рақамӣ аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ, вайронкунии қоидаҳои молиявии муайянгардида, хулоса ва тавсияҳо баъд аз ҷониби ҳайати мушовара тасдиқ гардидани ҳисобот ва хулоса фавран ба Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ (минбаъд раёсати масъул) барои пешбурди ҳисоботҳои даврӣ, солона, таҳлил ва такмили методология пешниҳод карда мешавад.

Инчунин, аз ҷониби аудитори масъул маълумот аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ дар барномаи электронии аудит ҷойгир менамояд.

30.2. Муовини раис ва сараудитор маълумоти омории рақамӣ аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ, вайронкунии қоидаҳои молиявии муайянгардида, хулоса ва тавсияҳоро аз натиҷаи самти фаъолияти вобастгардида, мустақиман ҷамъбаст менамоянд.

30.3. Аз ҷониби муовини раис ва сараудитори самти фаъолият маълумот аз натиҷаи фаъолияти аудитории самти вобастгардида ба раёсати масъул барои пешбурди омори ҳисоботҳои даврӣ ва солонаи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешаванд.

30.4. Муовини раис якҷо бо раёсати масъул лоиҳаи ягонаи ҳисоботҳои даврӣ ва солонаро аз натиҷаи фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоб асоснок таҳия намуда, ба раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд. Раиси Палатаи ҳисоб онро ба баррасии ҳайати мушовара ирсол менамояд.

30.5. Асоснокии лоиҳаи ҳисоботи даврӣ ва хулоса якҷо бо далелҳои аудиторӣ дар ҳайати мушовара баррасӣ ва қабул гардида, баъди тасдиқ бо имзои раиси Палатаи ҳисоб аз натиҷаи онҳо маълумот ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равон карда мешавад.

## VIII. Идоракунии сифати аудит

31. Тартиби таъмини идоракунии сифати аудит ва раванди он барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти аудиторӣ, ташхисию таҳлилӣ ва мутобиқатии онҳо ба муқаррароти қонуни соҳавӣ, стандарти Палатаи ҳисоб оид ба идоракунии сифати чорабиниҳои аудиторӣ ва ташхисию таҳлилӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва стандарти ИССАИ 140 "Идоракунии сифат дар мақоми олии аудит" роҳандозӣ карда мешавад.

31.1. Таъмини идоракунии сифати аудит раванди риояи талаботҳои муқарраргардида, қоидаҳо, тартиб ва амалӣ намудани мутобиқатии онҳоро дар таҳия намудани нақшаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб барои соли молиявӣ, марҳилаҳои омодагӣ, гузарондани чорабиниҳои аудиторӣ ва барасмиятдарории натиҷаи онҳо, инчунин, назорати минбаъдаи иҷрои натиҷаи аудит фарогир мебошад.

31.2. Сифати аудит аз ҷониби аъзои ҳайати мушовара, ки барои амалӣ намудани чорабинӣ масъул аст, бо воситаи идоракунии фаъолияти иштирокчиёни чорабинӣ, ташкил ва таъмин карда мешавад.

31.3. Риояи талаботҳои муқарраргардида, қоидаҳо, тартиб ва амалӣ намудани мутобиқатии амалҳои аудиторӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стандартҳои гузарондани аудит ва натиҷагирӣ, инчунин, бо ин роҳ таъмин намудани сифати аудит аз ҷониби сардорони воҳидҳои сохторӣ, роҳбарони гурӯҳҳои аудиторӣ ва аудиторе, ки барои амалӣ намудани чорабинии аудиторӣ масъул аст, дар ҳама марҳилаи аудит, таъмин карда мешавад.

31.4. Арзёбии сифати аудит бо мақсади сари вақт муайян намудан ва бартараф намудани омилҳое, ки метавонад ба сифати аудит таъсири манфӣ дошта бошад ё барои иҷрои барномаи аудит монеа эҷод мекунад, аз ҷониби шуъбаи кафолати сифати аудит, амалӣ карда мешавад.

31.5. Арзёбии сифати аудит барои ба даст овардани сатҳи баланди самаранокии фаъолияти аудиторӣ ва ташхисию таҳлилӣ метавонад пас аз анҷом ёфтани дилхоҳ марҳилаи чорабинӣ ва ҷамъбасти сол, амалӣ карда шавад.

31.6. Аз натиҷаи арзёбии сифати аудит аз ҷониби масъулини шуъбаи кафолати сифати аудит ҳисобот таҳия гардида, бо замимаи хулоса ва тавсияҳо ба раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад, ки он дар ҳайати мушовара баррасӣ карда мешавад.

31.7. Аз натиҷаи баррасӣ барои бартараф кардани камбудию норасоиҳо дар ҷаласаи ҳайати мушовара қарори дахлдор қабул карда шуда, барои

пешбурди таҳлил ва такмили методология ба Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ирсол карда мешавад.

31.8. Идоракунии сифати чорабиниҳои аудиторӣ дар маҷмуъ мутобиқи Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии сифати чорабиниҳои аудиторӣ ва таҳлилию ташхисӣ, сиёсати идоракунии сифат, дастурамали назорати сифати аудит ва дастурамали кафолати сифати аудит амалӣ карда мешавад.

31.9. Шуъбаи кафолати сифати аудит метавонад маводҳо аз натиҷаи чорабинии аудиториро қабл аз пешниҳоди хулоса ба ҳайати мушовара арзёбӣ намуда, хулосаи онро ба раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод намояд.

31.10. Роҳбари гурӯҳи аудиторӣ ё аудитор уҳдадор аст, ки хулоса ва тавсияҳои шуъбаи кафолати сифати аудитро баррасӣ намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо чораҳои зарурӣ андешад ё оиди розӣ набудан фикру андешаҳои худро изҳор намояд.

31.11. Шуъбаи кафолати сифати аудит натиҷаи иҷрои тавсияҳо ва чораҳои андешидашударо пайгирӣ намуда, ба раиси Палатаи ҳисоб дар ҳолати иҷро нагардидан гузориши иловагӣ пешниҳод менамояд.

## IX. Тартиби пешбурди таҳлили натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ ва методология дар Палатаи ҳисоб

32. Тартиби пешбурди кор оид ба таҳлили натиҷаҳои чорабинии аудиторӣ, омӯзиши сабаб ва оқибатҳои ба вуҷуд омадани камбудию норасоиҳо ва такроршавии вайронкунии қоидаҳои молиявии муайянгардида, таҳқиқу ҷамъбасти он ва дар ин замина ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани таклифҳо вобаста ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молияи давлатӣ ва буҷети давлатӣ аз ҷониби Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалии Палатаи ҳисоб дар ҳамоҳангӣ бо шуъбаи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад.

32.1. Инчунин, масъулини Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мунтазам маводҳо аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ва хулосаи шуъбаи кафолати сифати аудитро мавриди омӯзиш қарор дода, бо дар назар доштани камбудию норасоиҳои дар фаъолияти аудитории кормандон муайян гардида, оид ба мукаммал намудани методология ва стандартҳои аудит, ки тартиби ташкил ва амалӣ кардани чорабиниҳои аудиториро муқаррар менамояд, таклифҳо ва лоиҳаи санадҳоро дар мувофиқа бо шуъбаи ҳуқуқ ба раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

32.2. Дар асоси таҳлилҳои дақиқ оид ба такмил додани самтҳои фаъолият ва рушди самтҳои афзалиятнок ба раиси Палатаи ҳисоб таклифҳо омода менамояд.

### X. Тартиби пешниҳоди ҳисоботи солона оид ба фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоб

33. Тибқи муқаррароти моддаи 48 Қонуни соҳавӣ Палатаи ҳисоб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 апрели соли молиявии навбатӣ оид ба фаъолияти аудиторӣ ва натиҷаи онҳо ҳисоботи ҷамъбастӣ пешниҳод менамояд.

33.1. Палатаи ҳисоб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, оид ба масъалаҳое, ки қабули чораҳои таъхирнопазирро талаб мекунад, хулосаи аудиторӣ пешниҳод менамояд.

33.2. Ҳисоботи даврӣ ва солонаи Палатаи ҳисоб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сараудиторон барои ҳар як самти фаъолият таҳия карда шуда, ба муовини раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

33.3. Муовини раис якҷо бо Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳисоботҳои даврӣ ва солонаи раёсатҳои мустақил ва сараудиторон, ки аз натиҷаи самти фаъолият пешниҳод карда шудааст, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, ҳисоботи маҷмуии Палатаи ҳисоб таҳия ва ба раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамоянд.

33.4. Ҳисоботи солона аз натиҷаи фаъолияти аудиторӣ тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби ҳайати мушовара баррасӣ ва тасдиқ гардида, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон фиристода мешавад.

### XI. Тартиби таъмини шаффофият дар фаъолияти Палатаи ҳисоб

34. Ҷиҳати таъмини принсипи шаффофияти фаъолияти Палатаи ҳисоб натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ ва дар маҷмуъ натиҷаи фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоб бо риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар воситаҳои ахбори омма нашр ва дар сомонаи расмии идоравӣ *ҷойгир карда мешавад.*

*34.1.* Маълумоти расмӣ ба воситаҳои ахбори омма оид ба фаъолияти Палатаи ҳисоб баъди анҷоми чорабинии аудиторӣ, баррасии натиҷаҳои он дар ҷаласаи ҳайати мушовара ва ирсоли хулоса ба Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

34.2. Таркиб, ҳаҷм, шакл ва муҳлати пешниҳоди маълумоти расмӣ аз ҷониби ҳайати мушовара аз натиҷаи баррасии натиҷаи ҳар як чорабинии аудиторӣ дар ҷаласаи ҳайати мушовара қабул карда мешавад.

34.3. Нашри ҳисоботи солона оид ба фаъолияти аудиторӣ дар воситаҳои ахбори омма ва ҷойгир кардани ҳисоботи аудиторӣ аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ дар сомонаи расмии идоравӣ аз ҷониби Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ танҳо дар мувофиқа бо раиси Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад.

34.4. Аз ҷониби роҳбари дастгоҳ, инчунин, Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ нишастҳои матбуотӣ бо намояндагони васоити ахбори омма ва ҷонибҳои манфиатдор оид ба ҷамъбасти фаъолияти даврии Палатаи ҳисоб тибқи тартиби муқаррааргардида дар мувофиқа бо раиси Палатаи ҳисоб баргузор карда мешавад.

34.5. Дар ҳолати иброз гардидани мулоҳизаҳои танқидӣ ё ба нашр расидани маълумотҳои нодуруст оид ба натиҷаи фаъолияти Палатаи ҳисоб аз ҷониби роҳбари дастгоҳ ва масъули самти фаъолият ҷиҳати вокуниш тадбирҳои бетаъхири мушаххас андешида мешавад.

### XII. Ҳамкории Палатаи ҳисоб бо мақомоти давлатӣ ва байналмилалӣ

35. Палатаи ҳисоб барои иҷрои вазифаҳои худ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назоратӣ, вазорату идораҳо ва воҳидҳои аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти андоз ва гумрук ҳамкорӣ менамояд.

35.1. Барои амалӣ намудани чунин ҳамкорӣ Палатаи ҳисоб ҳуқуқ дорад тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ, хулосаҳои мақомоти назоратӣ ва аудити дохилиро ба даст оварад, бо кормандони онҳо машварат гузаронад ва мубодилаи маълумот намояд.

35.2. Палатаи ҳисоб дар доираи ваколатҳои худ бо риояи тартиби муқаррааргардида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории байналмилалиро бо мақомоти аудити давлатҳои дигар амалӣ менамояд.

35.3. Палатаи ҳисоб метавонад бо риояи тартиби муқаррааргардида барои расондани ёрии бевоситаи иттилоотӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва ёрии дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалӣ манъ накардаанд, ширкат варзад, омӯзиши таҷрибаи пешқадами мақоми аудити давлатҳои хориҷӣ, расондани кумак ва истифодаи он дар такмили ихтисоси

кормандон, ҳамзамон, таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи аудити берунаро амалӣ намояд.

Инчунин, метавонад бо риояи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои созишномаҳои байналмилалиро ба имзо расонад ва ба созишномаҳо тағйиру иловаҳо ворид намояд.

**XIII. Муқаррароти хотимавӣ**

36. Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб аз 28 декабри соли 2012 №2.1. тасдиқ карда шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

36.1. Дастури мазкур аз рӯзи тасдиқи он аз ҷониби ҳайати мушовара мавриди амал қарор дода шавад.

36.2. Дастури мазкур дар шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Палатаи ҳисоб ба қайд гирифта шуда, нусхаи аслӣ онҷо маҳфуз нигоҳ дошта шавад.

36.3. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастури мазкур тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, бо пешниҳоди ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ва бо қарори он амалӣ карда мешавад.